# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ. - Душанбе, 2026. – 67 с.**

Мубрамии мавзуи автореферати диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки музокираҳои сиёсӣ яке аз абзорҳои калидии дипломатияи муосир ба ҳисоб рафта, дар танзими муносибатҳои байнидавлатӣ, махсусан дар вазъияти низобарангези Осиёи Марказӣ нақши меҳварӣ дорад. Бинобар ин, муаллиф дар автореферат ҷанбаҳои муҳимми музокираҳои сиёсиро дар пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон нишон дода, мисолҳои амалии раванди музокираҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил намудааст.

Бояд гуфт, ки автореферати диссертатсия дар асоси талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод шудааст. Инчунин, фишурдаи кор дар асоси талаботи муқаррарнамуда бо се забон оварда шудааст.

Дар қисми муқаддимавии автореферати диссертатсия тамоми бандҳо бо тартиби муқаррарнамуда риоя гардида, мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, фарзияи рисола, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот навгонии илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимояи пешниҳодшуда, саҳми шахсӣ ва тасвиби амалии диссертатсия, интишороти муаллиф ва сохтори кор дуруст баён ёфтаанд.

Дар қисми асосии таҳқиқот бобу зербобҳои рисола дар шакли мухтасар таҳлил гардида, муҳтавои дурусти масъалаҳо баррасӣ шудааст ва таклифҳои муаллиф ироа гаштааст. Муаллиф дар автореферат кушиш намудааст, ки муҳтавои боби аввалро бо назардошти таҳлили мафҳумҳои “музокира”, “гуфтушунид”, “музокираҳои сиёсӣ” ва ғайра аз мавқеи донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил намояд.

Дар автореферат муаллиф ба таври мухтассар моҳияти боби дуюми корро таҳлил намуда, нақши музорикироти сиёсиро дар раванди танзими низоъҳои маҳаллӣ дар Осиёи Марказӣ ва дурнамои пешгирии низоъҳои минбаъда дар минтақа баҳогузорӣ намудааст.

Дар автореферати диссертатсия масъалаҳои асосии боби сеюм таҳқиқ гардида, диққати асосӣ ба омили иноснӣ дар пешбурди музокираҳои сиёсӣ равона шудааст. Дар инҷо, пеш аз ҳама нақши Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун

Сарвари сиёсӣ дар раванди музокироти сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ нишон дода шуда, саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзи сулҳ ва таҳкими суботи сиёсӣ дар минтақа бараъло муаррифӣ шудааст.

Вобаста ба автореферати диссертатсия тавсияи зерин ироа карда мешавад.

Дар автореферати рисола таҳлили музокироти сиёсӣ дар мисоли Туркманистон камтар ба назар мерасад.

Дар охир, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавогӯй буда, муаллиф он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз**: номзади илмҳои таърих,
муовини декан оид ба илм ва инноватсияи
факултети муносибатҳои байналмилалӣ,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Анвари Сафарӣ**

**Имзои Анвари Сафариро тасдиқ менамоям.**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Шодихонзода Э.Ш.**

«22» майи 2026 г.

*Суроға:* *734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 17.*
*Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10*
*Почтаи электроннӣ: info@tnu.tj*